# Суратмаҷлиси №1
## ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 29–уми август соли 2022

**<u>ИШТИРОК ДОШТАНД:</u>**

**Проф.** Диноршоҳ А.М.,
Ализода З.М., ГадоевБ.С.,
Имомов А., Маъруфӣ Р.Н.,
**дотсент:** Одиназода Р.С., Ойев Х.,
Якубова С.Н., Раҳмон Д.С.,
Сулаймонов М.С., Камолов Ш.Ҳ.
**муаллимони калон:**
н.и.ҳ. Қодиров Ҷ.Ш.,
н.и.ҳ. Наимов Б.Ғ.,
**ассистентон:**
Имомов Ҳ.Ш., Саиданваров Қ.Ҷ.,
Абдулаҳатзода С.А., Шерализода
Ҷ.Ш., Муродзода У.У.
**Лаборанти калон:** Неъматова М.А.
**Ҷамъ: 19 нафар**

## Р Ӯ З Н О М А И Ҷ А Л А С А:

Баррасӣ ва муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионии доктории номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ.

Сухани ифтитоҳиро и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., муаллими калон Қодиров Ҷ.Ш. оғоз намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки Соибов З.М. рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ омода намуда, барои баррасӣ ва муҳокима дар кафедра пешниҳод кард. Қодиров Ҷ.Ш. зикр карданд, ки солҳои охир нисбати пажуҳиши масъалаҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ муҳаққиқони ватанӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, аллакай дар ин самт якчанд рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ гардиданд. Соибов З.М. аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқоне мебошад, ки рисолаи намзадиашро аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ дар шӯрои диссертатсионии ватанӣ ҳимоя намудааст. Рисолаи доктории омоданамудаи ӯ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми ҳуқуқи маъмурӣ бахшида шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Баъдан қайд намуданд, ки Соибов З.М. нусхаҳои рисолаи омоданамудаи хешро барои мутолиа ва азназаргузаронӣ ба устодони варзида, д.и.ҳ., профессор. Ализода З., д.и.ҳ., профессор. Гадоев Б.С. ва д.и.ҳ., дотсент Одиназода Р.С. супорида буд. Сипас муқарризони зерин бо

навбат баромад намуда, тавсияҳои худро оид ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия манзур намуданд:

**Ализода Зариф** – Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор вобаста ба рисолаи доктории муҳокимашаванда андешаҳои худро баён намуда, онро мусбат арзёбӣ намуд.

**Гадоев Бурҳониддин Саймуддинович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба таҳқиқоти диссертатсионии муҳокимашаванда фикру андешаҳои худро иброз намуда, онро мусбат арзёбӣ намуд.

**Одиназода Рамазон Сафар** – Директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент оид ба таҳқиқоти диссертатсионии муҳокимашаванда андешаҳои худро иброз карда, онро мусбат арзёбӣ намуд.

**Ҳамин тариқ ҷаласа,**

## ҚАРОР КАРД:

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзӯи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», ки аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ омода гардидааст ба талаботи бандҳои дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тавсия карда мешавад.
2. Хулоса ҷиҳати ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисои номбурда тавсия намудан, таҳия карда шавад.

**Раисикунанда** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
муаллими калон, иҷрокунандаи вазифаи
мудири кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ, Қодиров Ҷ.Ш.

**Котиби ҷаласа** - лабаранти калони
кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Неъматова М.А.